Маълумот дар бораи маводи нашъадор

Нашъамандї- ин њисороти умумии (яъне ки тамоми самтњои олами ботинии инсон, муносибат бо одамон ва роњњои талоши њаётро дар бар мегирад) шахсият мебошад ва дар бисёр ваќтњо таъсири манфии худро дар љисми инсон мегузорад. Ин маънои онро дорад, одаме, ки бо роњи нашъамандї равад, оњиста- оњиста сифатњои хуби ахлоќии худро нобуд месозад, аз аќл берун мешавад, дўстонаш ва баъдан оилаашро аз даст медињад, соњиби касбу кор шуда наметавонад ё ин ки, он лаёќате, ки ќаблан дошт фаромўш мекунад, бекор мемонад, ба тоифаи љинояткорон якљо мешавад, ба худ ва атрофиён бадбахтї меорад ва оќибат оњиста-оњиста љисми худро хароб месозад.

Боз яке аз хусусияти хоси нашъамандї он мебошад, ки вай њолати патологї дар он ба андозаи хеле калон ва бебозгашт ќарор мегирад ва он тағйиротњои манфї, ки дар вуљуди одам дар натиљаи суйистеъмоли маводи нашъадор пайдо мегарданд, то охири умр боќї мемонанд. Дар ин маврид нашъамандиро ба маслуќ шабењ кардан мумкин аст: агар пойи онро бурида партоем, он бори дигар калон намешавад, агар дар натиљаи мољарои нашъамандї виљдони пок ва муносибати оилавї гум шавад, он барќарор намегардад. Доғњои дар ботини инсон нисбат ба зоњириаш дертар шифо меёбанд.

Аз њама мудњиштарин омили нашъамандї он аст, ки нашъамандон (инчунин наздикони онњо дар бисёр мавридњо) хело њам дер њис мекунанд, ки онњо на фаќат бо маводи нашъадор бозї мекунанд, балки аллакай онњо аз он мавод вобастагї доранд. Баъзе ваќт вобастагї баъд аз ним сол ё ин ки баъди як сол, дар бисёр ваќтњо баъди 2-3 моњ риволљ меёбад, вале басе мешавад, ки шахс баъд аз тазриќи аввалини мањлули «сиёњ» нашъаманд шуда мемонад. Ањволи ин ё он одамон дар њолатњои мушаххас чї мешуда бошад, њељ кас намедонад. Ва њељ кас набояд ба худ биболад, ки «Ман медонам, ки метавонам нашъаро як маротиба чашам ва њељ воќеа ба ман рух намедињад». Барои њамин маводи нашъадорро начашед. Агар ки аллакай чашида бошед, бори дигар ин таљрибаи хатарнокро дар худ такрор накунед.

То ин замон њанўз њам аќидањои печ дар печ дар мафњуми «нашъа» дучор меояд. Дар мафкураи тиббї (восита барои наркоз) серистеъмол будани он (воситаи барои њаловат гирифтан) мутобиќат намекунад. Мафњуми «нашъа» маънии юридикиро аз ќабили калимањои «моддањои сахттаъсир», «воситањои психотропї», «моддањои масткунанда» ва ғайра соњиб гаштааст. Дар ќонунгузории њамаи давлатњо маводњои нашъадор – њероин, ЛСД, маводи доругии бангдона, метадон ва ғайраро –«вобаста ба маънии хатари оммавї ва зарари худи он, ки ба саломатии шахс мерасонад» (муќаррароти Ташкилоти байналмилалии тандурустї) эътироф карда шудаанд.

Ба маводи нашъадор ва дигар маводњо одатан мањакњо (критериянњо) -и зерин нисбият дода мешаванд:

- ќобилияти ба вуљуд овардани кайфият (димоғи чоќ) ё ин ки аз њад зиёди он, эњсосоти маъќули субъективї;

- ќобилияти ба вуљуд овардани эйфорияи вобастагї (болидагии рўњї), яъне ки хоњиши боз њам аз сари нав истеъмол кардани маводи нашъадор;

- дар њолати истеъмоли доимии он ба саломатї рўњан ва љисман зарари воќеии худро мерасонад;

-имконияти васеъи пањншавии ин маводњо дар байни ањолї;

- истеъмоли маводи нашъадор набояд дар муњити маданї анъана гардад (дар акси он дар навбати аввал бояд ба маводи нашъадор тамоку ва машруботро мансуб донистан лозим аст).

Маводи нашъадорро ба 6 гурўњ таќсим кардан мумкин аст

1. Истењсоли бангдона (маводи нашъадори аз бангдона тайёркардашуда)

2. Маводи нашъадори афъюнї (маводи нашъадори аз кўкнор тайёркардашуда ё ин ки таъсирнокиаш ба он шабоњатдошта)

3. Маводи нашъадори таскиндињанда,хобовар

4. Нумўъи руњї (психостимуляторњо)

5. Тавањумовар  (галлюциногенњо)

6. Маводњои нашъадори амалашон даргузар

Ба ин доругињо ин моддањо дохил мешаванд:

1. Ќисми алафии бангдонаи хушк ва хушк накардашуда «марихуана» ном дорад. Он одатан ба тамоку монанд мебошад, рангаш сабзу ќањваранги равшан, баргњо ва пояаш майда кўфта шуда, мањкам лўнда карда шудааст, «нашъа» ва «план» номида мешавад.

2. Ќатрони омехтаи фушурда, гард ва резањои болои бангдона («нашъа», «њашиш», «план», ё «хэш» - ќањваранги сиёњтоби љавњари ѓализ, дараљаи ѓилзат, ки ба хамираи хушкнашуда (каме ёзанда) шабоњат дорад ва дар ќоѓаз пайи равѓанї мегузорад. Боз

дигар намудњои маводи нашъадор мављуд аст, ки он ќадар машњур нестанд.  Њамаи мањсулоти бангдона дорои буйи махсуси тез ва маззаи талх мебошанд.

Маводњои нашъадори афъюнї.

Маводњои нашъадори афъюнї (аз бутта ва моддањои синтетикї тайёркардашуда). Онњоро метавон дар намуди коркарднашуда дучор омад:

1. «Коњи кўкнор»- и майда кўфта шуда (баъзе ваќт то хока шудан), ќисми хушкшудаи растанї ранги ќањварангу зард мебошад: баргњо, поя ва ѓўза.

2. «Ханка»- шарбати ѓўзањои кўкнори ќањваранги сиёњтоби шахшуда (он њам афъюни хом), 1-1,5 см кулчашакли ќутрмонанд.

3. «Бинт» ё «Дока» - афъюни хом дар газвори пахтагї љаббонда мешавад ва ранги ќањварангро мегирад, агар ки то нам кашидан ранги равшан дошта бошад. Ваќти даст расонидан он сахт ва зудшикан аст.

4. "Њероин" ва "метадон" – дар лабораторияњои пинњонии нашъатайёркунї истењсол карда шудаанд. Хокаи сафед ё љигариранг дар шакли кристаллњои хурдтарин дар ваќти бо ангушт ламс кардан соддаи хўрокаро ба хотир меорад. Одатан он талхмазза аст, вале бо хокаи ќанд якљоя карда шуда маззаи ширинро мегирад. Тамоми нашъањои афъюнии мањсулоти рустании коркард ношуда дар ваќти ба забон чашидан кам – кам самараи ба он  часпиданро доранд. Як гурўњ афъюнњо аз ќабили морфин, кодеин ва дигарон дар таркибашон алкалоидњо доранд.  Дар намуди коркардашон њамчун мањлул ба назар мерасанд.

1. Дар сурати истењсоли косибии онњо аз мањсулоти рустанињо  мањлули љигариранг, ки ба чойи сахт (талх), ё суст дамкардашуда монандї дорад, њосил мешавад, ки бўйи баланд, баъзан тези сирко менамояд. Ваќте ки тањшин мешавад, ранги он равшану шаффоф мегардад, дурдањои он ранги доначањои сиёњро доранд. Ана њамин чиз унвони аблањонаи «мањлули сиёњ», ё ки «сиёњї» – ро ба худ касб намудааст.

(Тасаввур кунед, ки њамин мањлулро љавонони зиёди боаќл мустаќиман ба рагњои венаи худ ворид мекунанду аз оќибатњои он андеша наменамоянд!).

2. Мањлули шаффоф дар дохили ампулањо. Ё ин ки дар дохили шишачањои ба пенитсиллин шабоњатдошта нигањдорї шаванда. Шишачањо мумкин аст, ки аз шишањои сиёњ сохта шуда бошанду тамѓаи аз ќабили «Морфини гидрохлорид» дошта бошанд.

Кодеин низ нашъаи афъюнї мебошад, одатан он дар шакли расмї (яъне бо усули фабрикавї тайёр кардашуда) кулчаддорињо барои сулфа ва дарди сар вохўрада мешаванд.

Метадон – нашъаи синтетикї аз гурўњи афъюнї мебошад; Ба таври ќатъї гуфтан мумкин аст, ки метадон афъюни истењсолї ба њисоб намеравад, аз ин рў онро нашъаи «њамшабењи афъюн» номидан дурусттар ба назар мерасад. Аз нигоњи клиникї вобастагии метадонї кам аз вобастагии героинї, ё ки афъюнї фарќ карда меистад.

Мањсулоти афъюниро одатан ба таври тазриќї истифода мебаранд (яъне ба дохили вена ворид менамоянд). Мањсулоти хоми рустаниро пешакї бо моддањи кимиёвї мањлулкунандагони органикї ва ангидради туршии (кислота) – и сиркої коркард намуда, ба таври оддї нашъаи хокамонанд тайёр месозанд.Пахоли онро ба таври бисёр кам дар намуди чой дам мекунанд, ё ки «ханка» - хушки онро фурў мебаранд. Дар шароити имрўза имконияти ба воситаи бинї нафас кашидани хокаи героин ба миён омадааст. Наметавонам гуфтан, ки чунин усули нашъамандиро ман тарафдорї менамоям (зеро чунин  сўистеъмоли нашъа низ бенатиља нахоњад буд ва дар оќибат бадбахтињои бењадду њисоб ба бор хохад овард), аммо дар њадди охир, бо чунин восита беморињои СПИД, сифилис ва зарпарвин сироят намеёбанд.

• Воситањои хобовари седативї.

Доруњои хобовар њоло танњо дар шакли доруњои расмї, одатан дорукучањо вомехўранд. На њамаи доруњои хобовар дар маънои њуќуќии ин калима нашъа ба њисоб мераванд, аммо тамоми доруњои хобовар ќобилият доранд (албатта, баъзеи онњо бисёр тез – аз ин рў ба фењрасти мазкур шомил карда шудаанд), ки вобастагиро ба миён оранд ва метавонанд дар худ хосияти нашъаро ошкор созанд.

Дар байни доруњои хобовар туршињои (кислотањо) – и барбитурии истењсолшаванда (барбитуратњо) аз ќабили барбамил, фенобарбитал ва ѓайра каму беш хатарнок мебошанд. Инчунин дигар доруњои хобовар низ, њатто онњое, ки дар дорухонањо каму беш озодона савдо карда мешаванд (феназепам, радедорм, реланиум, элениум), дар њолати ба таври давомдор истеъмол гардидан, ё ки баланд карда шудани њадди (доза) – и тавсияшуда метавонанд, ки мушкилињо эљод намоянд, яъне вобастагии психикї ва љисмониро ба бор оваранд. Ин бошад, маънои онро дорад, ки бемор бояд ба таври доимї ва зиёд кардани њадди истемолии доруњои мазкур онњоро истифода бурда истад.

Дар байни нашъамандон дар айни замон аз доруњои хобовар реладорм каму беш вусъат ёфтааст. Дар назар дошта бошед, ки ба таркиби реладорм сиклобарбитал дохил мешавад, ки он аз гурўњи доруњои барбитуратї буда, сўъистеъмоли реладорм ин худаш дар њаќиќат нашъамандї мебошад.

Азбаски тамоми доруњои хобовар бо тарзи фабрикавї истењсол карда мешаванд, дар бастањои онњо ќариб ки њамеша тамѓа мављуд мебошад, ки дар онљо унвон, таркиб ва баъзан ваќт шарњи мухтасари онњо  навишта шудааст.

• Психостимуляторњо

Психостимуляторњо – гурўњи калони гуногунљанбаи моддањо мебошанд, ки як аломати муттањидкунї доранд: дар натиљаи истеъмоли онњо суръати фикрронї тез мешавад (дар ин њолат сатњи тафаккур сабук, рўякї ва дорои андешаи кам мегардад). Ќисме аз доруњои ин гурўњ ќобилияти онро доранд, ки ќабули хотирро дар бораи атроф назарфиреб (каљ) менамояд, аз ин рў онро бо вањм (галлюциногенњо) бисёр наздик месозад. Боз психостимуляторњои аз таркиби рустанињо истењсолшуда (кока,эфедра, кола) мављуд мебошанд, вале онњо аслан дар шакли моддањои кимиёї (хока) ё ки дорукулчањо дучор мешаванд.

1. Эфедрин – хокаи сафед бо таъми талх мебошад ва кристалликњояш намуди дарозшакл доранд. Мумкин ки дар намуди мањлул дар дохили ампулањо бо тамѓаи «эфедрин» мављудият дошта бошад. Инчунин эфедрин дар таркиби доруи таасуфовари машњури «солутан» ва дар молидании «сунореф» мављуд мебошад.

2. Псевдоэфедрин (эфедрини ќалбакї) ва эфедрон – эфедринњои истењсолї мебошанд. Дар намуди тоза онњо дучор намешаванд. Одатан аз љониби нашъамандон бевосита ќабл аз истеъмолкунї аз он чизе, ки дар моддаи боло зикрашон рафт (бо ёрии маргансовка ва туршии сирко) омода карда мешавад. Дар чунин њолат ин «доруњо» намуди мањлули шаффоф (номи кўчагиаш «сафедак», ё «мањлули сафед» бо бўйи сиркоро доро мегарданд. Бо тарзи тазриќи (ба дохили вена) истеъмол карда мешаванд.

3. Фенамин (номи ватаниаш) ё амфетамин (номи байналхалќиаш) – доруест, ки њам дар намуди њабб, њам дар намуди хока дучор мешавад ва њам дар дохил капсулањо вомехўрад. Онро ба дарун истеъмол менамоянд ва ба вена ворид месозанд (ки албатта хатарнок мебошад). Намуду ранги њаббњо ва капсулањо гуногун мебошанд. Амфетамин ва моддањои њамшабењи онњо ба таркиби «доруњои мўъљизаосои аз алафњо тайёркардашуда барои лоѓаршавї» ворид мешаванд, аз онњо худро эњтиёт кунед!

4. "Љунунњо" "экстази", "ХТС" – гурўњи амфетаминњои истењсолї (метилен-диокси-метамфетамин МДМА, метокси-метилен-диокси-метамфетамин ММДА ва ѓайра.

- ва боз њам номњои дарозтару вољиманоктар), барои ин чизњо ба маќсади рекламакунї номи ифоданоки "экстази" эљод карда шудааст. Дар намуди шаклњои њаббњои гуногунрангу гуногуншакл дорукулчањо меоянд.

5. Кокаин – хокаи сафеди кристаллї мебошад ва дар шакл ба содаи истеъмолї шабоњат дорад. Одатан бо хокаи ќанд ва ё шираи он мањлул карда шудааст. Ваќте ки ба забонамон мерасонем, забонро мисли новокаин карахт менамояд. Кокаинро одатан бўй мекашанд.

• Галлютсиногенњо

Истилоњи бештар дуруст, барои доруњое, ки аќлро бегона ё тира месозанд, чунки онњо галютсинатсия (вањм) ба миён наоварда, њиссиёти шахсии нашъамандро тањриф мекунанд. Ва онњо чунин эњсос менамоянд, ки на танњо муњит дар атрофи онњо таѓйир ёфтааст, балки худи онњо низ таѓйир ёфтаанд. Ба гурўњи галлютсиногенњо инчунин мањсулоти аз рўи таркиби кимиёї бисёр мухталиф, баъзеи онњо асли табии низ доранд, ворид мешаванд. Ин «дорућо» аксар ваќт дар нашъамандон номи муттањидкунандаи «кислота» - ро дорад.

1. Занбурўѓњои насли Psilotsibum. Дар таркибашон псилоцин и псилоцибин доранд. Дар айни замон, мумкин ки дар минтаќаи мо яке аз доруњои каму беш вусъатёфтаи галлютсиногенї бошанд. Дар охири тобистон фаќат дастрас карда мешаванд. Маѓоракњои хурд – хурди љигариранге мебошанд, ки дар болои поянњои борик истода, кўлоњакашон сояранги бунафш дорад. Тасвири онњоро зуд – зуд дар деворањо ва танаи троллейбусњо дучор шудан мумкин аст.

2. ЛСД (диэтиламид туршии (кислотаи) лизергинї – галлютсиногени "эталонї". Доруи бисёр зањролуд мебошад. ЛСД дар намуди мањлули шаффоф, хока ва дар намуди тамѓањои гуногунранги маркањои почтаро ба ёд меовардагї (асоси онњо бо мањлулхои нашъадор љаббонида шудааст) дучор мешаванд.

3. PCP ("пи-си-пи" хонда мешавад, нашъамандони мо бошанд онро баъзан "пэ-эс-пэ" талаффуз мекунанд), вай худи доруи фенциклидин мебошад. Бисёр кам дучор мешавад, азбаски бо дигар доруњо шабоњат дорад, одатан дар намуди хока истењсол карда шудааст. Мутаассифона, ин дору низ гоњ – гоњ ба вена ворид карда мешавад.

Ќайд кардан ба маврид аст, ки тамоми доруњои гурўњи галлютсиногенњо барои

саломатии рўњї бисёр њалокатовар мебошанд. Дар бораи он ба таври муфассал дар ќсми дахлдор маълумот хоњем дод.

• ЛНДВ (МПНФ)

Моддањои паррони нашъадори фаъол, ба ин гурўњ шомиланд: бензин, атсетон ва ширеши "Момент"